# АМАЛИШАВИИ ҚАРОРҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ

(Дар ҳошияи баргардонидани шаҳрвандони кишвар аз Ҷумҳурии арабии Сурия)

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари демократӣ, соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд буда, маҳз таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир барои кишвари мо муҳим арзёбӣ мегардад. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳон зерри таҳдиду хатарҳои рӯз афзуни ташкилотҳои террористӣ қарор доранд, ки маҳз онҳо бо ҳар роҳу васила манфиатҳои ғаразноки худро дар ҷомеаи кунунии мо амалӣ месозанд. Мо имрӯз шоҳиди чандин ҳодисаҳое мешавем, ки зери ниқоби созмону ташкилотҳои бонуфузи террористӣ ва экстремистӣ роҳандозӣ мешаванд.

Тоҷикистон кишвар амну осоишта буда, ваҳдату соҳибихтиёрӣ дар фазои сулҳбори он ҳукумрон аст. Вале мутаасифона имрӯз хавфу хатари ташкилотҳои террористӣ ба суботу амнияти кишвари мо таҳдид менамояд. Мубориза бар зиддӣ терроризм дар тамоми кишварҳои ҷаҳон вуљуд дошта аз ин вабои аср аксарияти кишварҳои исломӣ амнияту осоштагии худро аз даст додаанд. Маҳз ҳадафу мароми ин ташкилотҳои террористӣ гумроҳ намудани ҷавон ва ба доми ҷаҳолату таасуб кашидани онҳо мебошад. Ҳамчунин дар кишвари Тољикистон барои мубориза бар зидди ин вабои аср тамоми чораҳои заруррӣ андешида шуда тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тољикистон аз 1-уми июни соли 2021, таҳти № 187 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қабул гардидааст.

Маврид ба зикри хос аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Таҳдидҳои террористӣ шаклу усулҳои тозаро касб карда, ҷуғрофиё ва доманаи онҳо васеъ гардида, тарзҳои содир намудани

ҳамлаҳои террористӣ ва ҳадафҳои онҳо тағйирёбандаанд. Интиқоли ҷангиён-террористон аз минтақаи Ироқу Сурия ба минтақаҳои дигар ва дар ин замина тақвият ёфтани мавқеи ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хавфи зиёдро ба миён овардааст.

Ташкилотҳои экстремистию террористии фаъолияташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда бо ин сохторҳо робитаҳои устувор дошта, дорои сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва таҷрибаи пешбурди фаъолияти таъхрибкорию террористӣ мебошанд.

Созмонҳои экстремистию террористӣ ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи аъзои нав бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботӣ мебаранд. Имрӯз 1,5 миллион аҳолии Тоҷикистон дар кишвари Руссия дар муҳоҷирати меҳантӣ қарор доранд. Маҳз аксарияти ҷавононе, ки ба ин ҳаизбу ҳаракатҳои террористӣ мепайванданд дар муҳоҷират буда, гурӯҳҳои террористӣ ва ифротӣ бо роҳи осон ҷавононро ба доми фанду фиреби худ талқин менамоянд. Имрӯз дар кишварҳои оғӯштаи хун Ироқу Сурия мутаасифона шаҳрвандони кишвари мо вуҷуд доранд, ки ҳукумати кишвар дар пайи талош ҷиҳати баргардонидани онҳо ба ватан тамоми корҳои назаррасро анҷом дода истодаанд.

Хушбахтона бо дастур ва супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 майи соли 2023 гурӯҳи дуюми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба теъдоди 104 нафар (29 оила), ки аз занон, наврасон ва тифлони хурдсол иборат мебошанд, тавассути ҳавопаймои махсус аз Ҷумҳурии Арабии Сурия ба Ватан баргардонида шуданд. Ин шаҳрвандон то ин замон дар лагерҳои гурезагони Ироқу Сурия қарор доштанд бо дастуру супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ватан бар гардонида шуданд.

Маҳмадуллозода Х.М., Хоҷаев Д.М., аъзои КИИ "Дониш"-и ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур